Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
профессор ________ Миралиӣзода А.М.
"___" ________ соли 2022

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи уновҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи номбурда Давлатов Мирали Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муошироти педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Давлатов Мирали Абдусамадович соли 2006 факултети омӯзгорӣ (ҳозира омӯзгорӣ ва фарҳанг)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро хатм намудааст. Мавсуф дар баробари омодасозии диссертатсия аз соли 2010 то ин ҷониб ба ҳайси саромӯзгори кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият менамояд.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои ҳадди ақали номзадӣ №19 аз 07.01.2022 аз тарафи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дода шудааст.

Роҳбари илмии Давлатов Мирали Абдусамдович –Миралиӣзода Абдусаломи Мустафо, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

Давлатов Мирали Абдусамадович доир ба муҳтавои асосии рисолаи номзадиаш ба ҳозирин маълумот дод. Аз ҷумла, дар рафти баромад иброз намуд, ки мушкилоти дар самти тайёр намудани омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ва таълиму тарбия намудани насли наврас яке аз масъалаҳои бағоят муҳими соҳаи педагогика ва психология мебошад.

Масъалаи омодасозии омӯзгорон ба фаъолияти омӯзгорӣ дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми кишвар мебошад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» гуфта шудааст, ки ҳадафи мактаб фароҳам овардани шароит барои худтатбиққунии шахсе мебошад, ки сатҳи баланди фарҳангӣ дорад. Сатҳи баланди фарҳанги омӯзгор пеш аз ҳама ба муошироти педагогии омӯзгорон вобастагӣ дорад. Имрӯз муошироти педагогии омӯзгорон, аз ҷумла, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити таҳсилоти муосир ба мушкилоти зиёд мувоҷеҳ аст. Аз нуқтаи назари хусусиятҳои синнусолӣ ва психологӣ муошироти педагогии омӯзгор бо мактаббачагони хурдсол хусусияти хоси худро дорад. Гузашта аз ин, таҷрибаи муошироти мактаббачагони хурдсол бо ҳамсолону калонсолон ҳануз ба қадри

даркорӣ инкишоф наёфтааст. Дар робита ба ин, мушкилоти баланд бардоштани сатҳи муошırати педагогӣ байни муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва хонандагон тавассути истифодаи сухани пуробурангу таъсирбахши омӯзгор ва одоби баланди педагогӣ дар ҷараёни таълиму тарбия муҳим мебошад.

Хусусияти хоси системаи муосири маориф ба ду стратегия: таълимӣ анъанавӣ ва инноватсионӣ вобастагӣ дорад. Дар мадди аввал рушди шахсият гузошта мешавад, ки бо ҷалб намудани диққат ба шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ, муносибатҳои байнишахсӣ ва иштирокчиёни муошират дар раванди педагогӣ алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз, дар назди назария ва амалияи педагогӣ вазифаи баландбардории мутобиқати омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти касбии педагогӣ ва ҳамзамон, мутобиқшавӣ ба касбӣ-педагогӣ ва дар ин замина муошırати педагогӣ бо хонандагон гузошта мешавад.

Мутобиқшавӣ ба кори касбӣ-педагогӣ ин шакли мутобиқати касбӣ мебошад, ки дар навбати худ ба мутобиқшавии иҷтимоӣ дахл дорад. Дар таҳқиқоти педагогӣ ҷанбаҳои гуногуни мутобиқгардонии омӯзгорони ҷавон ба кори касбӣ-педагогӣ баррасӣ карда шудаанд.

Мутобиқсозӣ ё худ омода намудани мутахассис ба фаъолияти касбии педагогӣ вазифаи аввалиндараҷаи волидайн ва баъдан омӯзгорон аст. Ин раванд давраҳои дуру дарози таърихиро дар бар мегирад.

Мутобиқшавӣ ба кори касбӣ-педагогӣ ин шакли мутобиқати касбӣ мебошад, ки дар навбати худ ба мутобиқшавии иҷтимоӣ дахл дорад. Дар таҳқиқоти педагогӣ ҷанбаҳои гуногуни мутобиқгардонии омӯзгорони ҷавон ба кори касбӣ-педагогӣ баррасӣ карда шудаанд. "Фаъолияти педагогӣ мисли дигар намудҳои фаъолият – ин иборат аз системаи роҳҳо ва тарзҳои устуворест, ки дар шароитҳои гуногуни мавҷудияти он зуҳур меёбад

Дар кори диссертатсионӣ махсус қайд шудааст, ки Барои омӯзгор пеш аз ҳама таҳлили психологии мушкилоти муошират аҳамияти хоса дорад. Бинобар ин, барпо кардани муошират бо хонандагон барои муаллимон душворӣ меорад, зеро на ҳама дар бораи он донишҳое, ки илмҳои психологӣ оид ба ин масъала ҷамъ овардааст, огоҳанд.

Даъвати омӯзгори бузурги рус К.Д. Ушинский ба муаллимон ва мураббиён чунин аст: "... қонунҳои он падидаҳои психологиро омӯзед, ки шумо мехоҳед онҳоро идора кунед", имрӯз ҳам муҳим мемонад".

Ҳама гуна шакли фаъолияти муштарак муоширатро дар бар мегирад ва он (муошират) фаъолияти муштараки одамонро нишон медиҳад. Яке аз шаклҳои он таълим ва тарбия дигаре таълимгирандагон мебошанд. Азбаски механизмҳои асосии муошират барои ҳамаи намудҳои фаъолияти муштарак якхелаанд, баррасии муфассали онҳо ва ба инобат гирифтани консепсияҳои аввалӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар адабиёти илмӣ дар баробари истилоҳи "муошират", истилоҳи "иртибот" ба таври васеъ истифода мешавад. Ба ақидаи мо истилоҳи «муошират» назар ба «иртибот» умумитар аст. Дар робитаи байни ин консепсияҳо нуқтаи назари гуногун мавҷуданд. Бо назардошти он

муоширатро ба се унсури ба ҳам алоқаманд: мубодилаи иттилоот (унсури иртиботӣ), ҳамкорӣ (унсури интерактивӣ) ва фаҳмиш (дарки элементҳо) тақсим кардан мумкин аст.

Барои таҳлили минбаъдаи мафҳуми "муошират" лозим аст, ки муносибати худро бо мафҳуми "фаъолият" аниқ кард. Дар адабиёти психологӣ оид ба муносибати ин консепсия нуқтаҳои гуногун мавҷуданд.

Дар «Идеологияи Олмон» идеяи се табиати раванди такмили таърихии инсон ва инсоният қайд карда шудааст. Меҳнат, шуур ва робитаҳо ё «муносибатҳо бо ҳамдигар». Ҳеҷ кадоме аз ин категорияҳоро аз раванди такмил "хориҷ кардан" мумкин нест: такмили меҳнат бидуни таҳаввулоти тафаккур ва муошират ғайриимкон аст, такмили шуур бо рушд, мураккабӣ, тафриқаи кор ва пайдоиши "муоширати моддӣ" алоқаманд аст; ниҳоят, рушди роҳҳои алоқа танҳо дар партави кор ва таҳаввули тафаккур фаҳмида мешавад.

**Заминаи методологии таҳқиқотро.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоти эътимодноки аз муассиссаҳои таҳсилоти умумӣ ва мвассисаи таҳсилоти олӣ ба даст оварда шуда ба шакл даровaрда шуд: омӯхтан ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ; мушоҳидаи мунтазам ва давомнок ба ҷараёни таҷрибаи омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ; сӯҳбатҳои фардӣ ва гурӯҳи бо омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ; таҳлили лоиҳаҳои таълимии хонандагон; санҷидани масъалаҳои дар фарзия гузошта шуда.

**Мақсади таҳқиқот** – муайян кардани маҷмӯи заминаҳои педагогӣ барои такмили муоширати педагогии омӯзгорони оядаи синфҳои ибтидоӣ бо мактаббачагони хурдсол бо намунаҳои рафтори мусбӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– омӯхтан ва ба низоми муайян даровардани маълумоти илмӣ оид ба масъалаи муоширати педагогӣ дар адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ;

– дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбавӣ таъмин намудани ҳамгироии маҳорати касбӣ ва муоширати педагогӣ бо мақсади дар амал татбиқ намудани ин қобилиятҳо зимни корҳои таълимию тарбиявӣ;

– истифода намудани маҳорат, таҷриба ва малакаҳои андухташуда аз ҷониби омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ оид ба муоширати педагогӣ бо мактаббачагони хурдсол;

– кор карда баромадан ва дар амал татбиқ намудани барномаи муоширати педагогии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ бо макктаббачагони хурдсол;

– муайян намудани ҷараёни тағйирёбии маҳорати муоширати педагогии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ, ки имконият медиҳад дараҷаи касбияти донишҷӯён муайян карда шавад;

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани роҳбарии дурусти педагогӣ ба ташаккули муоширати педагогии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ бо мактаббачагонии хурдсол.

**Объекти таҳқиқот** – такмили маҳорати касбӣ-педагогии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ҷиҳати муошırати педагогӣ бо хонандагон.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқот:** – чараёни ташкили муошırати педагогии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ҳамчун омили мутобиқшавӣ ба касби омӯзгорӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ҷараёни муоширати педагогӣ ҳамчун омили мутобиқсозӣ ва такмили омодагии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ барои фаъолияти касбии педагогӣ бомуваффақият хоҳад буд, агар:

– мазмуни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ бо омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба ташаккули маҳорати касбии онҳо бо мақсади муоширати педагогӣ бо мактаббачагони хурдсол нигаронида шавад;

– маҷмӯи низоми муайяни ташаккули маҳорати касбии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ бо мақсади ташаккули муоширати педагогӣ, бо мактаббачагони хурдсол ба вуҷуд оварда шавад;

– низоми шаклу усулҳое ба вуҷуд оварда шавад, ки ба малакаи муоширати педагогии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ бо хонандагон нигаронида шуда бошанд;

– дар омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ боварӣ ва эътимод ба қобилияти худ ва муташаккилона амал намудан дар асоси одоби баланди педагогӣ ҷиҳати тақвият бахшидани муоширати педагогӣ ташаккул дода шавад.

– воридкунии ҳадафмандонаи омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муоширати мустақилонаи педагогӣ бо хонандагон татбиқ карда шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихи таҳқиқот)**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила, аз соли 2012 то 2022 гузаронида шуданд.

**Марҳилаи якум, ҷустуҷӯӣ** (солҳои 2012 – 2014). Дар ин марҳила адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ оид ба масъалаи ташаккули муоширати педагогӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, тасаввурот оид ба моҳият ва сохтори муоширати педагогии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ баррасӣ шуданд.

**Марҳилаи дуюм, муқарраркунанда ном дорад** (солҳои 2015 – 2018). Дар ин марҳила маводи озмоишӣ-таҷрибавӣ ҷамъ оварда шуда, таҷрибаи ташаккул ва рушди муоширати педагогӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда шуд.

**Марҳилаи сеюм озмоиши ташаккулдиҳанда** (солҳои 2019 – 2022) ном дорад, ки дар марҳилаи мазкур коркард ва низомбандии маълумоти дар рафти таҳқиқот бадастомадаро дар бар мегирад. Дар марҳилаи мазкур таҳлил, низомбандӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои кори назариявию озмоишӣ-таҷрибавӣя амалӣ карда шуданд.

**Асоси назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:**

– мавқеи самараноки истифодаи шаклу усулҳои самараноки корҳои тарбиявӣ, дарки ҷузъҳои таркибии муоширати педагогӣ бо мактаббачагони хурдсол аз ҷониби омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ роҳандозӣ гардидааст;

– шартҳои педагогии ташаккули муоширати педагогии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ вобаста ба таҳсилоти муосир муайян карда шуданд;

– мақсади асосии тамоюли рӯоварии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муошироти педагогӣ дар чараёни корҳои таълимию тарбиявӣ муайян карда шудааст;

– дар чараёни ташкилу ба роҳ мондани корҳои таълимию тарбиявӣ аз технологияи пешқадами инноватсионӣ барои мукаммал намудани таъсирбахшии муошироти педагогии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣн тадбирҳои судманд андешида шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" (2013), "Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2002), "Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2009), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олӣ ва баъд аз муассисаи таҳсили олии касбӣ" (2009) ва ғайра;

2. Таълимоти фалсафӣ дар бораи шахсият, инкишофи он, фаъолияти инсон (К. Маркс, Л. Фейербах, М.С. Каган ва диг.);

3. Нуктаҳои назар дар бораи муносибатҳо ва фаъолияти муоширатӣ (В.Г. Ананев, Л.С. Виготский, В.В. Давидов, В.П. Зинченко, Г.А. Ковалёв, А.Н. Леонтьев, К.К. Платонов, Рубинштейн ва диг.);

4. Мафҳумҳои асосии ташаккули шахсияти омӯзгорон (Ф.Н. Гоноболин, А.К. Маркова, Н.В. Кузмина, В.А. Сластенин ва ғайра);

5. Сохтор, вазифаҳо, воситаҳои муошират ва муносибатҳои мутақобилаи байнишахсӣ (А.А. Бодалев, М.Е. Дуранов, В.А. Кан-Калик, А.А. Леонтев, Б.Ф. Ломов, В.Ю. Ляудис, А.В. Мудрик, В.Н. Мясишев, А. Наин, В.А. Петровский ва ғайра);

6. Ҳавасмандкунии фаъолият ва ташаккули тамоюлоти арзишӣ (Ю.К. Бабанский, И.В. Дубровина, А.А. Леонтев, Г.И. Шукина ва дигарон);

**Сарчашмаи маълумот:**

Сарчашмаи маълумотро дар диссертатсия асарҳои файласуфон, психологҳо ва олимони соҳаи педагогика, ки дар умум масъалаи омодагии омӯзгоронро ба касби омӯзгорӣ ва муошироти педагогӣ таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– ошкор сохтани хусусиятҳои махсуси ташаккули муошироти педагогии омӯзгори навкори синфҳои ибтидоӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани тамоюли рӯоварии омӯзгори навкори синфҳои ибтидоӣ ба муошироти педагогӣ дар раванди ташкили корҳои таълдимию тарбиявӣ;

– муайян намудани қобилияти омӯзгори навкори синфҳои ибтидоӣ ба муошироти педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– тарҳрезии барномаи махсуси педагогӣ ҷиҳати дар омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани муошırати педагогӣ бохонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– тарҳрезии модели илмии мутобиқсозии муаллимони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ, ки аз се қисмати ба ҳам алоқаманд иборат аст: муайян кардани ҳадафҳо; принсипҳо, зинаҳо, шартҳо; баҳодиҳӣ (сатҳи нишондиҳандаҳо);

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Модели мутобиқсозии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад: ташкили раванди муошırати педагогӣ ҳамчун омили мутобиқшавӣ дар асоси ягонагии муносибати ба шахсият ва касбият нигаронидашуда;

2. Муносибати шахсӣ дар ташаккули худогоҳии шахсӣ ва касбӣ ҳангоми амалисозӣ ва бойгардонии таҷрибаи шахсии муошırати омӯзгори ҷавони синфҳои ибтидоӣ инъикос меёбад. Воридкунии мақсадноки омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи омодагии онҳо ба касби омӯзгорӣ такмил ёбад;

3. Барномаи педагогии ташаккули муошırати педагогии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ, метавонад ҳамчун низоми бомароми тайёрии касбии омӯзгорон хидмат кунад;

4. Ташаккули муошırати педагогӣ имкон медиҳад, ки дар омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ малакаҳои худтакмилдиҳӣ, худрушдиҳӣ, одат намудан ва мавқеи худро пайдо намудан дар коллектив ва мутобиқ гардидан бо муҳити иҳотакардашуда ташаккул ёбад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои дар он овардашуда, модели таҳияшудаи роҳу усулҳои ташаккули муошırати педагогиро бо мақсади баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии омӯзгорони ҷавонро ҷиҳати мутобиқшавиашон ба касбии педагогӣ таъмин менамояд. Маводи таҳқиқотии омодакардашударо дар фаъолияти амалии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф истифода бурдан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Аз ҷониби муаллиф барномаи татбиқи педагогии сатҳи омодагии касбии омӯзгорони ҷавони синҳои ибтидоӣ ҷиҳати мутобиқшавии онҳо ба касбии педагогӣ таҳия шуда, ҳамзамон, оид ба мутобиқшавии омӯзгорони ҷавони синҳои ибтидоӣ ба касби омӯзгорӣ тавсияҳои методӣ пешниҳод карда шудаанд.

Муҳтавои асосии кори диссертатсионии унвонҷӯ дар 16 номгӯй таълифоти муаллиф дар шакли мақола ва маводи дигари илмӣ, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 1-монография, 8 –мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва 7- мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд:

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ТАЪЛИФОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНИКОС ЁФТААНД:

**а) Дастури таълимӣ ва монографие, ки ба тавсияи шурои илмӣ – методии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба табъ расидаанд:**

1. Мустафоқулов Т., **Давлатов М.А.** «Асосҳои психологияи умумӣ».-, Душанбе, «Империал-Групп», 2012.- 422с.
2. **Давлатов М.А.** «Педагогическое общение в начальных классах школ».-Душанбе: «Эр-Граф», 2014. - 183 с.

**б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.**

1. **Давлатов М.А.** «Муошират – ҷузъи таркибии фаъолияти педагогӣ» [Матн]/**А.М. Давлатов**//(ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 3/5 (118).-Душанбе: «Сино», 2013. –С. 231-236.
2. **Давлатов М.А.** «Муошират байниҳамии муаллиму хонандагон ҳамчун масъалаи психологию педагогӣ» [Матн]/**А.М. Давлатов**//(ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 3/6 (121).-Душанбе: «Сино», 2013.-С. 210-214.
3. **Давлатов М.А.** «Муошират – омили раванди педагогӣ» [Матн]/**А.М. Давлатов**//(ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3/8 (150). – Душанбе: «Сино», 2014. – С. 204-208.
4. **Давлатов М.А.** «Значение педагогического общения в процессе обучения» [Матн]/**А.М. Давлатов**//(ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3/3 (166).-Душанбе: «Сино», 2015.- С. 285-287.
5. **Давлатов М.А.** «Условия развития готовности учителей начальных классов к педагогическому общению» [Матн]/**А.М. Давлатов** //(ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3/7 ч. II Душанбе, 2017.- С. 197 – 205.
6. **Давлатов М.А.** «Подготовка будущих педагогов к педагогическому общению-фактора адаптации» [Матн]/**А.М. Давлатов**// (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3/1.-Душанбе, 2018.-С. 215-223.
7. **Давлатов М.А.** «Нақши муошират дар тарбияи муаллимони синфҳои ибтидоӣ» [Матн]/Мирализода А.М., **А.М. Давлатов**//(ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав №1-4 (92).-Бохтар, 2021.-С.72-77.
8. **Давлатов М.А.** «Адаптация молодых учителей начальных классов к профессионально-педагогической деятельности» [Матн]/Мирализода А.М., **А.М. Давлатов**//(ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №7.- Душанбе, 2021.- С. 247-254.

**в) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

1. **Давлатов М.А.** «Муошират байниҳамии муаллиму хонандагон дар раванди таълим» [Матн]/**А.М. Давлатов** Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ 1-2 (6-7).-Кӯлоб, 2012.- С.124-128.
2. **Давлатов М.А.** «Хирад ва хирадмандӣ аз нигоҳи мутаффакири тоҷику форс Абулқосим Фирдавсӣ» [Матн]/**А.М. Давлатов**//Паёми

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 1- (10) – Душанбе: «Империал - Групп», 2014.- С.149-152.

3. **Давлатов М.А.** «Значение педагогического общения в процессе обучения» [Матн]/**А.М. Давлатов** Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ №2(11).-Душанбе: «Промэкспо», 2014.-С. 158-61.

4. **Давлатов М.А.** «Особенности совершенствования технологий педагогического общения» [Матн]/**А.М. Давлатов** Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, №1(12).-Душанбе: «Промэкспо», 2015.- С.182-185.

5. **Давлатов М.А.** «Слагаемые готовности учителей к педагогическому общению»/**М.А. Давлатов** маводи конфронси илмӣ- назариявӣ «Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тайёр намудани мутахассисон» бахшида ба 70-солагии Донишгоҳ, соли 2015, саҳ. 340-343.

6. **Давлатов М.А.** «Особенности совершенствования технологий педагогического общения» [Матн]/**А.М. Давлатов** Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, №1(16).-Душанбе: «Континент-ТҶ», 2017.-С. 176-180.

7. **Мирализода А.М., Давлатов М.А.** «Нақши муоширати педагогӣ дар мутобиқсозии муаллимони синфҳои ибтидоӣ»//**А.М. Мирализода, М.А. Давлатов** Маҷмуаи илмии маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбӣ» бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Кӯлоб, соли 2021.-С.74-79.

8. **Мирализода А.М., Давлатов М.А.** «Мутобиқшавӣ ба фаъолияти кабӣ ва такмили муоширати педагогии омӯзгорони оянда»// **А.М. Мирализода, М.А. Давлатов** Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Рисолати касбӣ ва миллии омӯзгор дар замони муосир».- Кӯлоб, соли 2022.- С. 7-12.

Дар рафти муҳокима доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирзоев Салим Сайдалиевич ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Давлатова Ниёзбӣ Ҳабибуллоевна баромад намуда, фикру андешаҳои худро ба ҳайси эксперт доир ба рисолаи номзадии Давлатов Мирали Абдусамдович баён намуданд.

Диссертатсияи Давлатов Мирали Абдусамадовия дар илми педагогикаи ватанӣ ва педагогикаи давлатҳои ИДМ аз нигоҳи масъалагузорӣ мавзуи нав ба ҳисоб меравад ва кам таҳқиқшуда мебошад. Дар ин бора адабиёти илмию методӣ барои муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ё камшуморанд ва ё мавриди дастрасӣ қарор надоранд, аммо муаллиф дар таҳлил ва таҳқиқи хеш ҷиҳати таълифи рисолаи илмӣ заҳмати зиёд кашида, натиҷаи корро хушсифат, мустақилонаю эҷодкорона иҷро кардааст. Ҷиҳатҳои назариявии рисолаи илмӣ хеле фаҳмою равшан ва мушаххас буда, аз ҷараёни ташаккулёбии шароитҳои педагогии омодагии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба

муоширати педагогӣ дар он метавон ба тарзи системавӣ, ки дар рисола инъикос гардидааст, бархурдор гардид.

Баромади унвонҷӯ Давлатов Мирали Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» шунида шуд ва аз ҷониби аъзоёни ҷаласа мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар рафти муҳокимаи кори илмӣ ба унвонҷӯ дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ якчанд саволҳо дода шуда, муҳаққиқ ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод. Диссертатсияи Давлатов Мирали Абдусамодович ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад. Дар фарҷоми муҳокима аз ҷониби аъзоёни ҷаласа,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Давлатов Мирали Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта ҳисобида шуда, барои ҳимоя дар ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тавсия карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул карда шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд 34 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”-34 нафар, “муқобил”-нест, протоколи №10 аз 25 майи соли 2022. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раисикунандаи ҷаласа,
муовини ректор оид ба таълим,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Холиқзода А.

Муқарризон:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Мирзоев С.С.
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Давлатова Н.Ҳ.
Котиби ҷаласа, саромӯзгор: — Бадалов И.

Маълумот барои тамос: Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кулоб, куч. С. Сафаров, 16; Тел. (+992 8 33 22) 2-35-07 E-mail: info@kgu.tj

Имзоҳои Холиқзода А., Мирзоев С.С., Давлатова Н.Ҳ. ва Бадалов И.-ро тасдиқ менамоям.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Сардори РК ва КМ ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: — Амиров Ф.А.